**РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН –**

**ЧАШНИ БУЗУРГИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИИ ТОЧИКОН**

*Ба истикболи 16 ноябр- Рузи Президенти Чумхурии Точикистон*

Дар Точикистони сохибистиклол ва хамчунин дар намояндагихои дипломатии кишвар дар хорича ва миёни точикони бурунмарзӣ хамасола 16-уми ноябр "Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон"-ро хамчун чашни бузурги давлатдории миллӣ дар сатхи баланд бо шахомати хосса ва ифтихору сарфарозӣ тачлил мегардад.

**Ин сана дар чумхурӣ ба чашни анъанавии сиёсию хукукӣ мубаддал гардида, зимни он дар сартосари кишвар чорабинихои мухими сиёсӣ-давлатӣ, аз чумла конференсияхои илмӣ-назариявӣ, вохӯрихо бо собикадорони чангу мехнат, барномахои фархангию фарогатӣ ва мусобикахои варзишӣ гузаронда мешаванд.**

Аз чониби дигар, мардуми Точикистон дар ин рӯзи фарахбахш арзу эхтиром ва сипосгуз орию ихл

османдии хешро ба Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон баён менамоянд.
Зеро, Пешвои миллат на танхо дар байни сокинони Точикистон ва кишвархои Осиёи Марказӣ, хамчунин дар миёни кишвархои чахони мутамаддин, рохбарони давлатхо ва намояндагони кавму миллатхои гуногун махбубият ва эхтироми сазоворро пайдо карда, мавкеъ ва манзалати хосро сохиб гардидаанд.

Боиси таззаккур аст, ки санаи 16-уми ноябр интихоб гардидани Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон дар кишвар чанбахои сиёсӣ ва таърихии худро дорад.

Аввалан, 16-уми ноябри соли 1992, замони пуршиддати вазъи сиёсию ичтимоии Точикистон Ичлоиси XVI Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон баргузор гардид,ки дар он мухтарам Эмомалӣ Рахмон Сарвари давлат интихоб гардиданд.

16-уми ноябри соли 1994 Президенти интихобнамудаи халк мухтарам Эмомалӣ Рахмон бори нахуст хамчун Президенти Чумхурии Точикистон савганд ёд намуда ба фаъолияти корӣ шуруъ намуданд.

Соният, дар даврони Истиклолияти давлатӣ кишвари мо тахти рохбарии Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар эъмори давлати сохибистиклоли Точикистон, тахкими вахдати миллӣ, суботи сиёсӣ, рушди устувори ичтимоию иктисодӣ ва баланд бардоштани сатхи зиндагии ахолӣ ба дастоварду комёбихои назаррас ноил гардида, дар шароити такомули муносибатхои нави байналмилалӣ пайваста эътиборашро афзуд ва тавассути сиёсати хоричии “бисёркутба” ва “дархои боз” инчунин пешниходхои созандаи Пешвои миллат оид ба халли масъалахои мухими байналмилалӣ ва минтакавӣ макоми шоистаро ба даст овард. Аз ин рӯ, тамоми дастовардхо ва муваффакиятхои Точикистони сохибистиклол дар сиёсати дохилӣ ва хороичии кишвар рӯи кор омада, ба фаъолияти пурсамар ва созандаю бунёдкоронаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон вобастагии ногусастанӣ дорад.

Махз бо дарназадошти чунин захматхо ва талошхои бесобика боис гардидааст, ки мардуми Точикистон ва парлумони кишвар 16 ноябрро хамчун “Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон” чашн бигиранд.

Имрӯзхо коршиносон ва мухаккикони ватанӣ, сиёсатмадорони сатхи байналмилалӣ дар бораи рушду пешравӣ ва дастовардхои Точикистони сохибистиклол тахти рохбарии Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар сохахои гуногуни хаёти сиёсӣ, ичтимоию иктисодӣ ва фархангӣ тахлилхои амик ва хамачониба гузаронида, бахои баланд ва мусбат додаанд.

Вобаста ба ин, ба маврид мешуморем, ки дар бораи яке аз ташаббусхои такдирсоз ва муваффаки Пешвои Миллат, оид ба чалби чомеаи шахрвандӣ дар раванди хотима додан ба чанги тахмилии шахрвандӣ, баргардондани гурезахо ба Ватан, истикрори сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва вахдати миллӣ дар Точикистон тахлил ва андешахои хешро баён намоем.

Ба хамагон маълум аст, ки дар мохи ноябри соли 1992 дар шахри бостонии Хучанд Ичлосияи XVI-уми таърихии Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон баргузор гардид, ки он, Хукумати конститутсионии Точикистонро баркарор ва фарзанди фарзонаи халки точик мухтарам Эмомалӣ Рахмонро ба хайси Раиси Шӯрои Оли Чумхурии Точикистон интихоб намуд.Бо ин васила дар хаёти сиёсию ичтимоии кишвар давраи нави рушд ва инкишоф огоз гардид.

Аммо баъд мухолифин аз мамлакат берун рафта, ба кишвархои хоричӣ чой гирифтанд ва худро мухолифи сиёсати пешгирифтаи давлати навбунёди точикон эълон намуда, мукобили Хукумати конунии кишвар ба максади гасби хокимият чанги тахмилии шахрвандиро огоз карданд.

Чанги шахрвандӣ дар Точикистон чанги тахмилӣ буда, доирахои муайяни бадхох бо истифода аз тачрибаи даврони гузашта ва усулхои озмудаи худ, бо рохи барангехтани низоъхои дохилӣ ва бозихои сиёсӣ давлати чавони Точикистонро дучори чанги тахмилии шахрвандӣ гардониданд. Максади асосии он бунёди давлати исломӣ ва ба сари халки точик ичборан бор кардани фархангу мазхаби бегона буд.

Ба гайр аз ин, дар он давра дар дохили кишвар вазъи ногувори сиёсӣ хукмфармо буд, ки он ба тамоми сохаи хаёти чомеа таъсири манфии худро баръало мерасонд. Дар ин асно, нерӯхои гуногуни сиёсӣ, ташкилотхои чамъиятӣ, хизбу харакатхои ичтимоӣ дар холати парокандагӣ ва нигаронӣ карор доштанд. Аз тарафи дигар, куввахои гуногуни сиёсӣ мехостанд вазъияти мавчударо ба манфиати худ истифода баранд. Бархе аз кишвархо низ намехостанд, ки дар Точикистон сулху оромӣ баркарор шавад.

Дар он шабу рӯзхо ба Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон хамчун субъекти муносибатхои байналмилалӣ ва тамомияти арзии кишвар хатари аз байн рафтан ва ба миллати точик хатари парокандагӣ тахдид мекард. Аз ин рӯ, вазъият ба муттахид кардани ниходхои чомеаи шахрвандӣ – ахзоби сиёсӣ, иттифокхои эчодӣ, акаллиятхои миллӣ, созмонхои динӣ ва дигар иттиходияхои чамъиятии дар Точикистон амалкунанда эхтиёч дошт.

Вобаста ба ин, дар он шабу рузхо фаъолияти мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба хайси Сарвари давлат ба чустучӯи роххои халли мусолихатомези казияи Точикистон равона шуда буд. Мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо азму иродаи кавию устувор ва ба таври хастанопазир хам дар дохили кишвар ва хам дар хоричи он барои тасвири вокеияти фалокатбори кишвар кӯшиш мекарданду дар баробари ин таваччӯхи чомеаи чахонӣ ва созмонхои байналмилалиро ба рӯйдодхои Точикистон чалб менамуданд. Ба ин васила, Сарвари давлат аз тамоми имкониятхо ва роху воситахо истифода менамуданд, то ки пеши рохи ин чанги бемаънӣ ва парокандагии кишварро бигиранд.

Бо ин манзур, Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон изхор доштанд: «Мо бемаъно будан ва окибатхои халокатовар доштани авчгирии чанги бародаркушро барои миллати точик ва ояндаи он, инчунин, давлати точикон дарк намуда, баъди баркарор сохтани хокимияти конститутсионӣ сиёсати катъии истикрори сулх ва созгории миллиро танхо бо рохи осоишта, яъне бо рохи гуфтушунид ва музокира, пеш гирифтем».

Ба хамин хотир аст, ки Рохбари давлат барои хар чи зудтар расидан ба истикрори сулх ва вахдати миллӣ дар Точикистон, бо рохбарияти мухолифин музокиротро огоз намуд, вале ин раванд бо мушкилихо пеш мерафт.

Дар чунин вазъияти душвор барои Точикистон холате ба вучуд омод, ки Рохбари давлат доимо дар фикру андешаи он буданд, ки чи тавр ва кадом роху воситахоро бояд пайдо кард,ки раванди музокирот бо мухолифин, чихати харчи зудтар расидан ба баркарории сулх дар кишвар ба анчом расад. Аз ин лихоз, Сарвари давлат ба хулоса омаданд, ки барои пешрафти раванди музокирот миёни Хукумати Точикистон ва рохбарияти мухолифин кувваи иловагии такондиханда зарур аст.

Барои ба ин максад расидан Рохбари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон омодагии огози муколамаро бо чомеаи шахрвандии кишвар изхор дошта, даъват намуданд, ки чомеаи шахрвандии кишвар дар чунин давраи такдирсоз ва хассос бетараф набошанд ва дар раванди баркарории сулху субот дар кишвар бояд сахм гузоранд.

Сипас, дар рафти вохӯрӣ бо намояндагони ниходхои чомеаи шахрвандии мамлакат Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон, изхор намуданд, ки кишвар ба як созмони муттахидкунандаи чомеаи Точикистон эхтиёч дорад ва ба он хамаи куввахои сиёсии чомеа, хизбу харакатхо, олимон, шоирону нависандагон, шахсони сохибэхтиром шомил бошанд, то онхо бо нуфузи худ барои истикрори сулх ва ризоияти миллӣ, таъмини амнияти кишвар, баргардонидани гурезахо мусоидат кунанд ва таъмини сулху ризоияти миллӣ дар ин замина асос мегирад.

Чунин икдоми Пешвои миллатро ниходхои чомеаи шахрвандӣ бо камоли майл ва рӯхбаландӣ дастгирӣ намуданд, дар натича, 11 марти соли 1996 «Ахдномаи ризоияти чомеаи Точикистон» ба имзо расид.

“Ахднома”-ро аз чониби хокимияти давлатӣ Президенти Чумхурии Точикистон, раисони Мачлиси миллӣ ва Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ва аз тарафи дигар рохбарони зиёда аз 30 (сӣ) ташкилотхои чамъиятӣ – хизбхои сиёсӣ, иттиходияхои чамъиятӣ, иттифокхои эчодӣ, ташкилотхои динӣ, чамъиятхои миллию фархангӣ ва иттиходияхои чамъиятии кишвар имзо карданд.

Метавон ишора кард, ки икдоми бузург ва дурандешонаи Президенти кишвар барои ба раванди музокирот миёни Хукумати Точикистон ва Иттиходияи мухолифини точик чалб кардани чомеаи шахрвандии кишвар такони бузурге бахшид.

Аз чумла, барои амалӣ намудани хадафхои Ахднома Шӯрои чамъиятӣ таъсис ва Низомномаи он кабул гардид, ки вазифаи асосии он ташаккули чомеаи шахрвандӣ дар кишвар ва хамчун ниходи тавсеабахши муколамаи байни макомоти хокимияти давлатӣ ва чомеаи шахрвандӣ дар самти пойдору бардавом намудани сулху субот, ризоияти чомеа ва дигар масоили мухими ичтимоӣ фаъолият бурдан буд.

Боиси тазаккур аст, ки дар чаласаи нахустини Шӯрои чамъиятӣ Президенти кишвар

мӯхтарам Эмомалӣ Рахмон якдилона ба хайси Раиси Шӯрои чамъиятии Чумхурии Точикистон интихоб гардиданд.

Имзои Ахдномаи ризоияти миллӣ дар Точикистон ва ташкили Шӯрои чамъиятии Чумхурии Точикистон нишон доданд, ки шахрвандони кишвар икдомхои Президентро дар раванди ба низом даровардани ихтилоф бо мухолифин хамачониба дастгирӣ менамоянд.

Аъзои Шурои чамъиятӣ барои тезондани раванди музокирот чихати бадаст даровадани сулх бо мухолифин фаъолияти хамачонибаро ба рох монданд. Фаъолияти аъзои Шуро тадричан гушаю канорхои гуногуи мамлакатро фаро гирифт. Як гурух аъзои Шуро ба рохбарони мухолифин нома навишта оноро даъват намуданд, ки ба “Ахднома...”, ки бо ташаббуси Президент мухтарам Эмомалӣ Рахмонов оид ба комёб шудан ба ризоият дар чомеа хамрох шаванд ва аз чонишини намояндаи хоси муншии Созмони Милали Мутахид дар Точикистон Дарко Шилович хохиш карданд, ки Номаи онхоро бо нусхаи Ахднома чихати барассӣ ба рохбарони мухолифин барои шиносоӣ ва имзо пешниход намояд.

Вобаста ба сахми Шурои чамъиятӣ дар халлу фасли масъалахои нихоят мухими сиёсӣ Эмомалӣ Рахмон, Президенти Чумхурии Точикистон чунин бахогузорӣ карда буданд “...таъсис ва такмили фаъолияти самараноки Шӯрои чамъиятӣ ба халлу фасли масъалахои нихоят мухимми сиёсӣ - катъи чанги тахмилӣ, ба Ватан баргардонидани гурезахо, ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар ва таъмини вахдати миллӣ мусоидат намуд”.

Точикистон дар ду дахаи нахустини асри XXI ба чониби рушду созандагӣ кадамхои устувор гузошта дар кишвар фазои сулху оромӣ, суботи сиёсӣ, вахдату ягонагии миллӣ, рӯхияи сарчамъии миллат ва созандагиву бунёдкорӣ хукмфармост, ки ин ба манфиати доирахои бадхохи миллати точик ва давлати точикон нест.

Дар ин иртибот Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон кайд менамоянд: “Таъкид месозам, ки хоинони миллат ва хочахои хоричии онхо то ханӯз аз накшахои нопоку гаразноки худ, ки ибтидои солхои 90-ум доштанд, даст накашидаанд.Онхо то ба хол аз хоричи кишвар бо тамоми рохи воситахо кӯшиш карда истодаанд, ки чомеаи моро нооро сохта, фархангу мазхаби бегонаро ба сари мардуми мо тахмил кунанд. Мардуми шарифи Точикистон, махсусан, чавонони бонангу номуси кишвар инро набояд фаромӯш кунанд ва бояд хамеша хушёру зирак бошанд”.

Дар таърихи илми сиёсатшиносӣ ва давлатдорӣ дар масъалаи муносибати давлат нисбат ба чомеаи шахрвандӣ Пешвои миллат, Президени кишвар Эмомалӣ Рахмон формулаи нави хамкорӣ – Шӯрои чамъиятӣ созмон доданд ва он шакли хамкории сиёсӣ-ичтимоӣ миёни макомоти хокимияти давлатӣ ва чомеаи шахрвандӣ буда, чун пули васлкунанда миёни хокимияти давлатӣ ва чомеаи шахрвандӣ, минбари озод барои муколама буда, вазифаи асосии он ташаккули чомеаи шахрвандӣ, мусоидат ба тахкими истиклолият, рушди давлатдории демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Махз бо ин сифатхо Шӯрои чамъиятии Чумхурии Точикистон ташкилоти нодирест, ки дар дигар кишвархо бо чунин шаклу хусусиятхо вучуд надорад ва аз нуктаи назари илми сиёсатшиносӣ онро хамчун “Модели точикии чомеаи шахрвандӣ” метавон ном бурд.

Таърих кам шахсиятхоеро дар ёд дорад, ки хамчун Пешвои муаззами миллати мо дар рохи рушди чомеаи шахрвандӣ хизматхои шоиста ва сазовору бориз намуда бошад.

Бинобар ин, вакте ки сухан дар бораи таърихи пайдоиши ин ниход меравад, бамаврид аст хосатан тазаккур дода шавад, ки Шӯрои чамъиятии Чумхурии Точикистон махсули тафаккуру ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон буда, бо ибтикори махз ин сиёсатмадори окилу донишманд ва тавоно созмон дода шудааст.

«Модели точикии сулх”-и мухтарам Эмомалӣ Рахмон барои миллати куханбунёди точик мактаби бузург ва сахифаи тоза дар таърихи халки точик мебошад, ки насли фардо бояд аз ин дурдонаи хиради сиёсӣ хуб ва хамавониба истифода баранд.

Тачрибаи сулху вахдати миллии Пешвои миллат барои минтака ва чахон дар халли низоъ ва мунокишахои миллию мардумӣ ва динию сиёсӣ дар хар шакле омӯзанда аст.

Танхо як икдоми хадафмандона ва пайгиронаи рохбари сиёсӣ ва Пешвои мллат, ки Истиклолиятӣ давлатӣ,тамомияти арзию худудӣ ва ризоияту Вахдати миллиро миллиро тавассути сулху вахдат таъмин намуданд, басанда аст, то номашон дар таърихи ватанӣ, миллат ва минтакавию чахонӣ абадан бо харфхои заррин сабт гардад.

Хамин тарик, чахони муосир дар шароити бисёр мураккабу печида, пешгӯинашаванда, зудтағйирёбанда ва нихоят хассос бокӣ мемонад. Имрӯз инсоният дар мархалаи нихоят хассосу хатарноке карор дорад, ки таърихи муосир дар ёд надорад. Ракобатхои шадиди геополитикӣ халли масъалахои рӯзмарраи рӯзномаи чахониро мураккаб гардонидаанд. Дар минтакахои гуногуни чахони имруза мунокишахо в низоъхои байнидавлатӣ авч гирифта истодаанд.

Дар моддаи 11-и Конститутсияи Чумхурии Точикистон омадааст: "Точикистон сиёсати сулхчуёнаро ба амал татбик намуда, сохибистиклолӣ ва сохибихтиёрии дигар давлатхои чахонро этиром менамояд ва муносибатхои хоричиро дар асоси меъёрхои байналмилалӣ муайян мекунад".

Бо назардошти ин, Чумхурии Точикистон, ки тачрибаи ғании сухофаринӣ дорад ва **б**арои расидан ба сулху вахдат мушкилоти сахту сангинро паси сар кардааст, дар пешгирӣ ва халли хама гуна зиддияту низоъ тарафдори гуфтушуниди мусолихатомез ва халли осоишта бо истифода аз дипломатия мебошад ва дар сафи пеши ин хамкорӣ карор дорад.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар мубохисахои 79-уми умумии Мачмааи умумии СММ дар суханронииашон кайд карданд "... пешниход менамоям, ки тавассути катъномаи махсуси Созмони Милал "Дахсолаи тахкими сулх ба хотири наслхои оянда" кабул карда шавад."

Дар умум бояд гуфт, ки имрӯз Точикистони сохибистиклолро дар арсаи чахонӣ хамчун кишвари дар халли масоили умдаи глобалӣ ташаббускор мешиносанд.

Дар мачмуъ, метавон чунин хулоса кард,ки хидматхои Асосгузори сулху Вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмонро дар назди Ватан ва миллат бо сахме, ки Авраам Линколн, Шарл де Голл, Камол Отатурк ва дигар шахсиятхои бузурги сиёсии сатхи чахонӣ дар замонхои гуногун дар рохи рушди кишвари худ гузоштаанд, метавон киёс намуд.

Аз ин лихоз, тачлил намудани Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон ахамияти бисёр мухими сиёсӣ ва тарбиявӣ дорад.

Пеш аз хама, бо чашнгирии ин рӯз мардум накши Президентро дар баркарор намудани сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва Вахдати миллӣ рушду инкишофи давлати сохибистиклолӣ Точикистон бештару хубтар дарк менамояд. Аз чониби дигар, ахамияти тачлили чашни Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон дар ташкили давлатдории миллӣ дар он зохир мегардад, ки он хамчун чашни мухимми сиёсӣ вазифаи хеле мухим, яъне муттахидгардонии давлат, чомеа ва халки точикро ичро намуда истодааст.

Чихати тарбиявии Рузи Президент барои насли наврас хеле мухим мебошад. Чавонони мо бояд тарихи пайдоиш, мазмун ва мухтавои ин рӯзи фархундаро хамачониба омӯзанд ва дарк намоянд ки он ба рушди давлати миллӣва хифзи арзишхои миллӣ хамачониба мусоидат менамояд. Аз хамин лихоз, Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон – ин рӯзи мукаррарӣ набуда, балки рузи бузурги таърихӣ, чашни муккадаси миллӣ, рӯзи сипосгузорӣ ва махбубияти хоса ба Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон Раиси Шурои чамъиятии Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба шумор меравад.

**Саидов Нуралӣ Шамсович, ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалахои давлатхои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмхои Точикистон, номзади илмхои фалсафа**